# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

1. Диссертатсия ва автореферати Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд ба ихтисоси илмӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертстсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳуқуқи қабул кардан дода шудааст мутобиқат мекунад. Кори диссертатсионии Одиназода У.С. дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи байналмилалии хусуӣ нигаронида шудааст. Масъалаҳои назарӣ, амалӣ, таҳлилӣ ва методологии танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ дар вазъияти мураккаби ҷаҳонӣ бо иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор дода шудааст. Мавзуи мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ, инчунин танзими соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ фаро мегирад. Муаллиф қайд менамояд, ки қонунгузорӣ оид ба танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва мутобиқсозии он бо санадҳои байналмилалӣ тақозои баррасии илмӣ ва ҳалли як қатор масъалаҳо, аз ҷумла, муайян кардани таносуби вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, гурезагон, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии онҳо, ҳолатҳои бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани онҳо, муқаррар намудани ҳуқуқи ба ин муносибатҳои татбиқшаванда ва дигар масъалаҳои назариявӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад. Гузашта аз ин, ҷараёни таҳқиқоти масъалаи мазкур на танҳо таҳлил ва омӯзиши мувофиқати меъёрҳои қонунгузории миллӣ дар ин соҳа бо санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки ҶТ онҳоро эътироф намудааст, балки баррасӣ намудани танзими коллизионӣ-ҳуқуқии муносибатҳо бо иштироки шахсони воқеӣ бо фарогирии ҳифзи арзиш ва манфиатҳои миллӣ зарур мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки муҳтавои диссертатсия ва автореферат ягона буда, ба талаботи ихтисос ва соҳаи илмии дархостшаванда ҷавобгу мебошад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисосҳои илмӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумхурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10, ва фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар

бораи амалӣ намудани қарори Раёсати Комиссия» аз 25 сентябри соли 2025, №361/1 тасдиқ шудааст ва аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмиллалии хусусӣ додани дараҷаи илмиро муқаррар кардааст мутобиқат мекунад. Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти унвонҷӯ бо он асоснок карда мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ равобити васеъ ва гуногунҷабҳаро дар сатҳи байналмилалӣ ба роҳ монда, ҳамзамон муносибатҳои хусусӣ ҳуқуқиро бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ пайваста рушд додааст. Дар робита ба ин, як қатор хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ҳамчун иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалии хусусӣ аз ин бармеоянд. Татбиқ гардидани принсипи реҷаи миллӣ нисбат ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд имконият дод, ки онҳо ҳамчун субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ эътироф гардида, дар баробари шаҳрвандони Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои баробар дошта, дар баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ухдадориҳои дахлдорро иҷро намоянд. Бинобар таклифу пешниҳодҳои муҳаққиқ бо он асоснок карда шудааст, ки қонунгузории кишвар тамоми масоили ҳуқуқии муносибатҳои бавуҷудомадаро бевосита фаро гирифта наметавонад, аз ин рӯ ба такмили қонунгузории кишвар дар самти масъалаҳои танзими ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дори унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Ҳамин тариқ, такмил ва инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши танзими ҳуқуқии шахсони воқеӣ ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва дар маҷмуъ давлат мебошанд.

Вобаста ба далелҳои илмӣ ва таклифҳои амалӣ вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷониба гардидааст.

3. Муҳаққиқ дар раванди омодакунии мавзуъ вобаста ба таҳқиқи диссертатсионӣ 9 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар маҷалаҳои илмии дигар ба нашр расонидааст. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

4. Автореферати диссертатсия дар матни тоҷикӣ ва русӣ дарбаргирандаи мазмуну мухтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Тартиби истифодаи маъхазҳо бо ишора ба муаллифон риоя шудани талаботи банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ нишон медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истофодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб ташкил ёфта, дар асоси талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия,

автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, №493) таҳия гардидааст.

Дар муқаддимаи кор муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок намудааст ва робитаи илмии таҳқиқотро бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсияро таҳқиқ ва таҳлили махсуси илмӣ-ҳуқуқӣ намудааст.

Кори диссертатсионии унвонҷӯй Одиназода У.С. ба талаботи банди 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти№267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, улуби навишти масъалагузорӣ ва таҳлили хоси ҳуқуқӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

6. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ баррасӣ намуда,

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ, муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

Меликов Умрилло Асадуллоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Рустамзода Фируз Рустам – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедари ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – Муассисаи таҳсилоти олии касбии «Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон».

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаюрзода Ш.К.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Муртазозода Ҷ.С.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедари ҳуқуқи мадании ДМТ Қурбонов Қ.Б.

Имзоҳои Ғаюрзода Ш.К., Муртазозода Ҷ.С. ва
Қурбонов Қ.Б-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

«23.» 02 с. 2026